آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

2 апрели соли 2022
Шанбе
№ 26 (14831)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН РАИСИ ПАРЛУМОНИ ОЗАРБОЙҶОНРО ҚАБУЛ КАРД





**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 1 апрел раиси Миллий Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Гафароваро қабул кард, ки ба мамлакатамон ташриф овардааст.**

Роҳбари парлумон ба пешвои Ӯзбекистон барои истиқболи гарм арзи сипос намуд, шодбошии самимӣ ва беҳтарин таманноҳои Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиевро расонд.

Зимни гуфтугӯ таъкид гардид, ки пойгоҳи шарикии стратегии мамлакатҳоямонро решаҳои муштараки таърихӣ, забон, дин, маданият, анъана ва арзишҳо ташкил медиҳанд. Ба ин пойгоҳи мустаҳкам такя намуда, солҳои охир дар инкишофи ҳамкории дуҷониба ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ – иқтисодиёт, сиёсат, алоқаҳои байнипарлумонӣ, маданият ва соҳаи иҷтимоӣ пешравӣ ба қайд гирифта мешавад. Робитаҳои зич, табдили ҳайатҳои расмӣ, намояндагони тиҷорат ва доираҳои ҷамъиятӣ дар тамоми дараҷаҳо ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар солҳои охир, сарфи назар аз пандемия табодули мол 4 маротиба афзуд. Аз аввали сол савдо 25 фоиз афзуд. Беш аз 200 корхонаи муштарак ба вуҷуд оварда шудааст.

Ба чунин рушди мусбат, инчунин, роҳандозии шарикии зич ва бисёрҷанба байни порлумонҳои Ӯзбекистон ва Озарбойҷон низ мусоидат намуданд. Бо мақсади минбаъд инкишоф додани ҳамкорӣ пурзӯр намудани ҳамкории низомнок ва мунтазами мақомоти қонунгузории ду мамлакат ногузир мебошад.

Ҳамзамон, порлумонҳо чун намояндагони бевоситаи халқҳои Ӯзбекистон ва Озарбойҷон дар пешбурди «дипломатияи мардумӣ», аз он ҷумла, аз тариқи пурзӯр намудани алоқаҳои байни минтақаҳои Ӯзбекистон ва Озарбойҷон, дастгирии лоиҳаҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ бояд нақши муҳим дошта бошанд.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

---

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ БА ТАВРИ ШОИСТА ГУЗАРОНДАНИ МОҲИ РАМАЗОНИ МУБОРАК

Дар зинаи нави рушди Ӯзбекистон дар кишвари мо ба арзишҳои милливу динӣ беш аз пеш арҷ гузошта мешавад. Мардуми мо файзу барака ва сулҳу осоишеро, ки дар кишвари азизамон ҳукмфармост, қабл аз ҳама, ба сифати марҳамати бепоёни Офаридгор қабул менамояд.

Бахусус, халқу кишварамон моҳи муборaки Рамазонро, ки дар он ба аҳливу тифоқӣ, ваҳдат, покии маънавӣ ва дигар фазилатҳо арҷ гузошта мешавад, ҳамеша бо руҳбаландӣ ва шодмонии бузург истиқбол мегирад. Дар рӯзҳои муборак амалҳои савобе, ки ба бузургдошти инсон, эҳтироми оила, эътибор ба оила ва кумаку дастгирии ниёзмандон нигаронида шудаанд, рӯшан ба назар мерасанд.

Ба мақсади ба таври шоиста пешвоз гирифтан ва дар сатҳи баланд гузарондани моҳи Рамазони муборак, ки барои халқи мо рамзи некукориву мурувват, меҳру оқибат маҳсуб меёбад, арҷгузорӣ ба тамоюлҳои инсонпарваронаи дини мубини ислом ва арзишҳои фарҳангиамон:

1. Ахбори идораи мусалмонони Ӯзбекистон оиди он, ки рӯзи оғози моҳи Рамазони муборак ба **2-юми апрел** рост меояд, пазируфта шавад.

2. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои шаҳри Тошканд ва вилоятҳо дар якҷоягӣ бо Кумитаи дин, Вазорати маҳалла ва дастгирии собиқадорон, ҳамчунин созмонҳои ҷамъиятӣ чорабиниҳои моҳи Рамазонро **тибқи анъана ва арзишҳои миллӣ** ба амал татбиқ намоянд.

Ҳангоми баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ба **шукргузорӣ, инсонгарӣ, сабру қаноат барин фазилатҳо, расидан ба қадри ҳаёти осудаву фаровони мамлакат, таҳким бахшидани муҳити меҳру оқибат ва ҳурмати байниякдигарӣ дар оилаву маҳаллаҳо, дастгирии ҳарҷонибаи нафарони ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ, оилаҳои ниёзманд**, ки аз мазмуну моҳияти ин моҳи муборак бармеоянд, эътибори алоҳида дода шавад.

3. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии ахбори миллии Ӯзбекистон ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба моҳи Рамазонро ба таври густурда равшан намоянд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон М. М. Комилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*31 марти соли 2022.*

---

# ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ОИД БА РУШДИ ВАРЗИШ БАРРАСӢ ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев 1 апрел оид ба чораҳои рушди варзиши оммавӣ дар байни ҷавонон ҷамъомад баргузор намуд.***

Дар мамлакатамон барои шуғл варзидан бо тарбияи ҷисмонӣ шароити васеъ фароҳам оварда мешавад. Аз ҷумла, дар се соли охир 118 маҷмӯи варзишӣ ба истифода дода шуда, дар маҳаллаҳо 7 ҳазор майдончаҳои варзишӣ сохта шуданд. Имрӯзҳо 3,5 ҳазор майдонҳои футболи хурд, 6 ҳазор баскетбол, волейбол, 663 бадминтон, зиёда аз ҳазор толорҳои фитнес мавҷуд аст. Дар ҳар як ноҳия ва маркази шаҳр «пайроҳаҳои саломатӣ» ва роҳҳои велосипедронӣ ташкил карда шуданд.

Дар Стратегияи нави рушд мақсадҳо оид ба дар давоми панҷ соли оянда ба 33 фоиз расондани шумораи онҳое, ки мунтазам бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғул мешаванд, муайян шудааст.

Бо фармон ва қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 18 феврали соли 2022 Вазорати рушди варзиш ташкил карда шуда буд. Яке аз вазифаҳои муҳими он оммавӣ гардондани варзиш байни бачаҳо ва ҷавонон мебошад.

Дар ҷамъомад нақшаҳои кор дар ин самт муаррифӣ шуданд.

Вазорати рушди варзиш вазифадор карда шуд, ки якҷоя бо пешвоёни ҷавонони маҳаллаҳо дар тӯли сол 6 миллион писарону духтаронро ба чорабиниҳои оммавии варзишӣ фаро гиранд.

Ба ин мақсад аз 10 апрел дар сатҳи маҳалла, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ чорабиниҳои оммавии варзишӣ гузаронда мешаванд. Барои ташкили онҳо ба ҳар як вилоят аз ҳисоби фонди «Дафтари ҷавонон» то 100 миллион сӯм, инчунин то 1 миллиард сӯм барои мукофотонидани ғолибон ва ҷоизадорон ҷудо карда мешавад. Беҳтарин иштирокчиён ба дастаҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, вилоятӣ ва миллӣ интихоб карда мешаванд.

Оид ба беҳтар гардондани инфрасохтори варзиш дар маҳаллаҳо, мақбулсозии арзиши лоиҳаҳо ва бунёди майдончаҳои варзишӣ супоришҳо дода шуданд.

Зарурати коркарди рейтинги маҳаллаҳо оид ба ҷалби ҷавонон ба чорабиниҳои варзишии оммавӣ, ба маҳаллаҳои рейтингашон «ғайриқаноатбахш» вобаста намудани мураббиёну варзишгарони маъруф зикр гардид.

Аҳамияти гузарондани вохӯриҳои ҳавасмандгардонии ғолибони Бозиҳои олимпӣ ва паралимпӣ, мусобиқаҳои байналмилалӣ бо ҷавонони маҳаллаҳо қайд гардид.

Супориш дода шуд, ки бо дарназардошти ин вазифаҳо оид ба рушди минбаъдаи варзиши оммавӣ, тайёрии ҳамаҷониба ба Бозиҳои Осиё, ки соли ҷорӣ дар шаҳри Ханҷоу баргузор мегарданд, такмил додани низоми омодасозии мураббиён қарорҳо тайёр карда шаванд.

14 марти соли равон қарори Президент дар бораи созмон додани мактаби Баҳодир Ҷалолов оид ба бокс ва Оксана Чусовитина оид ба гимнастикаи бадеӣ қабул шуданд. Дар ҷамъомад дар бораи корҳои дар ин бобат амалишуда маълумот дода шуд.

**ӮзА.**

---

**Фикри депутат**

***Дар байни мардуми мо мақоле ҳаст, ки «Саломатӣ – бехи давлат» аст. Дарҳақиқат, чунон ки барои инсон аз саломатии ӯ дида сарвати бузургтаре нест, одами солим сарвати ҳақиқии ҷамъият аст. Бинобар, ин Сарвари давлатамон дар мулоқоти ошкоро бо намояндагони соҳаи тандурустӣ дар мавзӯи «Ислоҳот дар соҳаи тиб – барои қадри инсон» гуфта буд, танҳо мардуми солим, миллати баркамол аз ӯҳдаи корҳои бузург мебарояд.***

# ИНСОНИ СОЛИМ – САРВАТИ ҶАМЪИЯТ

Мулоқоти мазкур, ки дар таърихи мамлакати мо бори аввал баргузор шуд, далели равшани он гардид, ки дар мамлакатамон ба мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ, баланд бардоштани сифати хизмати тиббӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ эътибор дода мешавад. Дар баробари ин, ин мулоқот дар муайян намудани ҳадафу вазифаҳо, ки ба ислоҳсозии сохтори соҳаи тандурустӣ дар сатҳи талаботи замон, бинобар пешниҳодоти кормандони соҳа ва мардуми мо нигаронида шудааст, нақши муҳим бозид.

Дар ҷаласаи видеоселекторӣ бахшида ба чораҳои амалисозии вазифаҳои дар соҳаи тандурустӣ ба миён гузоштташуда, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, таъмини иҷрои вазифаҳои дар фармоиши 24-уми март оид ба мушкилот ва пешниҳодҳои дар мулоқоти кушод баёнгардида баррасӣ шуданд.

Ҷолиби диққат аст, ки муҳлати аниқи иҷрои ҳар як вазифаи супурдашуда, тадбирҳои андешидашуда нишон дода шудаанд. Дар қарор аз рӯйи 7 самт 50 чорабинӣ муайян карда шуда, барои ҳар кадоми онҳо масъулҳо интихоб шудаанд.

Дар маҷлис қайд карда шуд, ки аз рӯйи ҳамаи ташаббусҳое ки халқи мо нишон додаанд, зудтар қарорҳо қабул карда мешавад ва кори амалӣ набояд кашол дода шавад.

Аз ҷумла, дар моҳи апрел скрининги мақсадноки 1 миллион аҳолии зери хатар, 700 ҳазор кӯдак ва 100 ҳазор зани ҳомиладор ба нақша гирифта шудааст. Ин раванд дар ошкорсозии барвақти бемориҳои ин тоифаи аҳолӣ, равона кардани шаҳрвандони гирифтори ин бемори ба табобати барвақт муҳим аст. Мо медонем, ки табобати беморӣ ҳар қадар барвақт оғоз шавад, бемор ҳамон қадар зудтар сиҳат шуда, беморӣ ба ӯ ҳеҷ мушкилии ҷиддӣ боқӣ намегузорад.

Яке аз дигаргуниҳои муҳим дар сохтори тиббӣ дар ҳар як поликлиникаи оилавӣ ташкил кардани статсионари рӯзона мебошад. Бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ин орзуи халқи мо буд. Ҳамзамон дар 400 маҳалла марказҳои тиббии оилавӣ ва дар ноҳияҳои дурдаст дар контейнерҳо 1700 бунгоҳи тиббӣ ташкил карда мешавад.

Ғайр аз ин, шабакаи поликлиникаҳои маҳаллӣ боз ҳам васеъ карда, имсол фаъолияти 136 ва дар оянда 140 поликлиникаи нав ба роҳ монда шуда, 1100 бунгоҳи шифокори оилавӣ, дар маҳалҳои дурдаст зиёда аз 2000 бунгоҳи тиббӣ ташкил карда мешавад. Дар натиҷа сохторе ба вуҷуд меояд, ки 85 фоизи муаммоҳои ёрии аввалини тиббиро ҳал мекунад.

Барномаи «Духтури деҳа» боз ҳам такмил дода шуда, аз 1 маи соли ҷорӣ ба духтуроне, ки дар ноҳияҳои дурдаст кор мекунанд, моҳе 2 миллион сӯм музди иловагӣ дода мешавад. Ба ин духтурон то 50 фоизи хараҷоти хариди манзил аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ бар асоси ипотека ҷуброн карда мешавад. Духтуре, ки се сол пай дар пай дар ноҳияи дурдаст кор кардааст, бе имтиҳон ба ординатураи клиникӣ қабул карда мешавад.

Ин тадбирҳо на танҳо мушкили нарасидани духтурон дар минтақаҳои дури кишварро ҳал мекунад, балки имкон медиҳад, ки аҳолии дар чунин минтақаҳо истиқоматкунанда ба марказҳо нарафта, аз хидмати табибони соҳибихтисос истифода баранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

---

# ҶӮЛИСТОНЕ, КИ БА ГУЛИСТОН ТАБДИЛ ЁФТААСТ

**Дар чаҳорчӯби сафари матбуотӣ, ки бо ибтикори Вазорати туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ роҳандозӣ шуд, мо аз шаҳри Нукус озими ноҳияи Элликқалъа шудем. 27 март варзишгоҳи марказии ин ноҳия, ки чанде муқаддам мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст, мизбонии се ҷашнвораи бошукӯҳ – тантанаи наврӯзӣ, 50-солагии азхудкунии заминҳои ҷӯл ва 45-солагии таъсиси ноҳияро бар дӯш дошт.**




Ба ин муносибат собиқадорони меҳнат, ҳунармандон, санъаткорон, варзишгарон ва намояндагони созмонҳои ҷавонон аз ҳар гӯшаву канор ба варзишгоҳ даъват шуда буданд. Дар иштироки раиси Ҷоқарғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Мурод Камолов занону духтарон дами деги бузурги суманакро кушоданд ва дар фазои суруду мусиқӣ чанд лаҳза мавҷи шодиву нишот ин ҷо танинандоз гашт. Маълум шуд, ки суманакпазҳо тамоми шаб барои пухтани он заҳмат кашидаанд. Ин неъмати наврӯзӣ ба пиёлаҳо андохта шуд ва гурӯҳи духтарон пиёлаҳоро болои табақҳои калон гузошта, ба меҳмонони маросим армуғон намуданд.

Мурод Камолов ба назди ҳар як кат ташриф оварда, мардону занони бузургсолро, ки рӯйи он бароҳат нишаставу аз неъматҳои дасторхони идона тановул мекарданд, фарорасии Наврӯз ва 45-солагии таъсиси ноҳияро табрику шодбош гуфт.

Баъд маросими идона оғоз ёфт ва онро бо сухани муқаддимавӣ Мурод Камолов ҳусни оғоз бахшид.

– Имрӯз маркази ноҳияи Элликқалъа ва шаҳраку рустоҳои он хеле ободу зебо гаштааст ва мардуми он аз ҳаёти фаровон баҳра мебаранд. Барои таъсиси ноҳияи Элликқалъа ҳанӯз 23 марти соли 1977 Раёсати Шӯрои Олии Ӯзбекистон қарори вижа содир намудааст ва шаҳраки Бӯстон ба ҳайси маркази маъмурии он унвон гирифтааст. Панҷ сол пеш аз таъсиси ин ноҳия дар дашти Элликқалъа корҳои доманфароҳи обёриву азхудкунии ҷӯлистони он шурӯъ шудааст ва дар он як гурӯҳ фидоиён саҳми калон гузоштаанд, – изҳор намуд Мурод Қаллибекович.

Гуфта мешавад, ки қаламрави ҳозираи ноҳияи Элликқалъа аз қадим боз минтақаи бархӯрди тамаддунҳо маҳсуб меёбад. Замоне оби рӯдхонаи Ҷайҳун чунон зиёд будааст, ки ҳатто то баҳри Каспий рафта ҷорӣ мешудааст. Маҳз барои ҳамин ин маскани тамаддунсоз оҳиста ҷойи худро ба салтанати дашту саҳро холӣ карда додааст, ки баъди гузашти асрҳо ҳукмронии онро ба даст гирифтааст.

– Дар ноҳияи мо ҳоло ҷамоатҳои шаҳрвандони 13 авул, 23 маҳалла ва 1 шаҳрак машғул ба фаъолият мебошанд. Аҳолии ноҳия дастикам 162 ҳазор нафарро ташкил мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

---

*Тарғиби меҳнати шоиста дар Ӯзбекистон:*

# МУНОСИБАТЕ, КИ БА МАНФИАТҲОИ ИНСОН НИГАРОНДА ШУДААСТ

***Дар пойтахт таҳти мавзӯи «Тарғиби меҳнати муносиб дар Ӯзбекистон: муносибате, ки ба манфиатҳои инсон нигаронда шудааст» конфронс баргузор гардид.***

Дар он Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, раиси Комиссияи миллии мубориза бар зидди савдои одам ва меҳнати маҷбурӣ Т. Норбоева, директори генералии Созмони байналмилалии меҳнат Г. Райдер, муовини ӯ Х. Коллер, қариб сад корбастон аз СММ, БАТР, Иттиҳоди Аврупо ва як қатор созмонҳои байналмилалӣ, инчунин намояндагони палатаҳои Олий Маҷлис, вазорату идораҳои масъул иштирок карданд.

Дар ин чорабинии байналмилалии сатҳи баланд масъалаҳои мубрами дар Ҳадафҳои рушди устувори Рӯзномаи глобалии СММ муайяншуда, аз ҷумла: таъмини шуғли аҳолӣ, кори шоиста ва фароҳам овардани шароит барои меҳнат, таҳкими иқтидори кишвар дар ин самт, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои инсон баррасӣ гардиданд.

Дар чорабинӣ Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева нутқ эрод кард:

(Давомаш дар саҳ.2).

# ҶӮЛИСТОНЕ, КИ БА ГУЛИСТОН ТАБДИЛ ЁФТААСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин шумор 30 ҳазор сокини шаҳри Бӯстон мебошад, – гуфт ҳокими ноҳия Сайдаҳмад Авезов. – Масоҳати умумии ноҳия 5 ҳазору 410 километри мураббаъ буда, аз он одамони маъруф баромадаанд, ки барои пешрафту ривоҷи соҳаҳои гуногун, чун кишоварзӣ, саноат, илму фарҳанг, санъат ва амсоли он нақши муассир бозидаанд. Дар айни ҳол фарзандони мардуми Элликқалъа дар 64 мактаби таълимоти умумӣ, 7 мактаби махсус, 1 мактаби "Насли баркамол", 132 муассисаи томактабии давлатӣ, давлатӣ-шарикӣ ва оилавӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Бештар аз 20 муассисаҳои тандурустӣ дар хидмати мардум қарор гирифтаанд.

Таъсиси факултаи омӯзгории филиали Донишгоҳи давлатии Нукус ба номи Аҷиниёз боис шудааст, ки мактабҳову муассисаҳои томактабии он бо кадрҳо таъмин шаванд. Дар ин ноҳия ташкил шудани Дастаи намунавии мақоми Ҷумҳурии Қароқалпоқистон барои рушди санъату ҳунари мақомхонӣ ва фаро хондани ҷавонони боистеъдод хеле мусоидат намудааст.

– Мо дар ноҳияи Элликқалъа барои пешрафти тамоми соҳаҳо шароит фароҳам овардаем. Аллакай бештар аз 200 нафар ҷавонони варзишгар соҳиби медалҳои мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва ҷаҳонӣ шудаанд. Мо бо Моҳигул Комилҷонова, Фаррух Ӯрозбоев, Севинчой Иброҳимбоева, Шаҳзода Азатова, Гулчирой Исмоилова барин қаҳрамонони ҷаҳон ва Осиё ифтихор мекунем, – иброз дошт Сайдаҳмад Авезов.

Маълум шуд, ки дар ноҳия 21 ёдгории бостоншиносӣ, 1 ёдгории меъморӣ, 10 ёдгории санъати монументалӣ ва наздики 10 зиёратгоҳ мавҷуданд, ки барои ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ мусоидат менамоянд. Гуфта мешавад, солона теъдоди сайёҳон ҳазорҳо нафарро ташкил менамояд ва ташрифу боздиди онҳо дар мустаҳкамшавии иқтисодиёти ноҳия ва беҳбуди ҳаёти мардуми он нақши калон мебозад.

– Дар ноҳия 242 корхонаи саноатии хурду бузург арзи вуҷуд намудааст, ки қисмати аъзами он ба давроны истиқлол, аммо аз 150 адад бештари он ба панҷ соли охир мутааллиқанд. Ба арсаи меҳнат ворид шудани панҷ кластери ангурпарварӣ шароити рӯзгори мардумро хеле беҳбуд бахшид. Ба ин нигоҳ накарда хоҷагиҳои фермерӣ дар ҳазор гектар ва аҳолӣ дар 2 ҳазор гектар қитъаҳои наздиҳавлии худ ба бунёди ангурзорҳо асос гузоштанд, – таъкид варзид ҳокими ноҳияи Элликқалъа.

82 хоҷагии фермерӣ ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба моҳипарварӣ ихтисос дода шудаанд, ки дар ҳавзаҳои табиӣ ва сунъӣ ба ин соҳаи сердаромад машғуланд. Инчунин 85 субъектҳои чорвопарварӣ, 14-то паррандапарварӣ, 9-то занбӯрпарварӣ ташкил шудааст, ки тавонистаанд садҳо нафарро бо ҷойи кор таъмин кунанд. 6 кластер соҳаҳои пахтакориву бофандагӣ, ғаллапарварӣ, парвариши меваву сабзавот ва қарокӯлпарвариро фаро гирифтааст. Танҳо дар хоҷагии фермерии "Чашмаи сафеди Амир"-и ҷамоати шаҳрвандони авули Амирбод таҳти унвони "Само тулпорлари" корхонаи аспарварӣ ташкил шудааст, ки дар он зотҳои "ахалтегин", "қорабайир" ва "инглис" мавриди парвариш қарор гирифтаанд.

Сайдаҳмад Авезов дар бораи татбиқи лоиҳаҳо низ таваққуф намуд. Ба гуфтаи ӯ бар ин асос дар панҷ соли охир ба ивази 16 миллион доллари амрикоӣ Ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди "Бӯстон кластер" бунёд ёфт. Миллиардҳо сӯм барои таъсиси корхонаҳое масраф гардиданд, ки маҳсулоти гуногун тавлид мекунанд ва ҳудуди 2 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам овардаанд.

– Содири маҳсулот самти муҳими кори моро ташкил медиҳад. Зеро пайдо кардани харидорони зиёд мусоидат менамояд, ки даромади мо бештар шавад ва иқтисодиётамон мустаҳкам гардад. Барои мисол, соли сипаришуда ҳаҷми умумии маҳсулоти содиротии мо 12.4 миллион долларро ташкил намуд. Он аз маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ иборат буда, ба Русия, Хитой, Аморати Муттаҳидаи Араб, Ҳиндустон, Туркия. Куриёи Ҷанубӣ, Сингапур, Таиланд, Қазоқистон ва Қирғизистон содир гардид, – гуфт Сайдаҳмад Авезов.

Ноҳияи Элликқалъа дар мавриди ҷалби сайёҳон низ хеле пешрафтҳо кардааст. Ҳоло дар меҳмонхонаву хостелҳои шаҳри Бӯстон, меҳмонхонаҳои оилавии минтақаҳои дигари ноҳия ҳудуди 100 нафар сайёҳи хориҷӣ будубош доранд ва бо фаро расидани фасли баҳор теъдоди онҳо чанд карат афзоиш хоҳад ёфт. Гуфта мешавад, ҳар як меҳмонхона бо гунҷоиши аз 20 то 200 нафар меҳмон сохтаву муҷаҳҳаз гардидааст.

– Бемуҳобот, дарояндаи наздик ноҳияи Элликқалъа ба яке аз марказҳои сайёҳии ин минтақа табдил хоҳад ёфт. Зеро захираҳои туризм ин ҷо хеле зиёданд ва метавон аз тариқи тарғибу ташвиқ теъдоди сайёҳонро сол аз сол боло бурд. Дар атроф чандин қалъаҳо мавҷуданд, ки мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони маҳалливу хориҷӣ қарор гирифтаанд, – мегӯяд сухангӯи Вазорати туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ Лола Раҳмонӣ.

Ба гуфтаи ӯ дар ин солҳо соҳили Ақчакӯлро иншооти зиёди туристӣ зинат бахшидаанд. Беш аз пеш ҳар кадоми он барои пазироии сайёҳон омода мегардад. Сайёҳон дар соҳили ин кӯл метавонанд истироҳат кунанд, офтоб хӯранд ва бадани худро обутоб диҳанд.

Масоҳати умумии Ақчакӯл 1 ҳазору 149 гектарро ташкил мекунад. Чуқурии он 12 метр буда, чаҳор самти он барои истироҳату фароғати сайёҳони маҳалливу хориҷӣ басо мувофиқ мебошад. Оби Ақчакӯл чаҳор фасли сол худро софу зулол нигоҳ медоштааст. Ҳавасмандон бо истифода аз шароити ин ҷо имкони моҳидорӣ ва пухтани таомҳоро низ дар ихтиёр хоҳанд дошт. Инчунин барои сайёҳон чунин шароит фароҳам оварда шудааст, ки онҳо метавонанд ба катомаранҳову завраќҳо савор шаванд ва сайру гашт кунанд.

– Мо ба наздикӣ фестивалеро таҳти унвони "Aqchakol Beach Fest" барномарезӣ кардаем. Дар доираи ин фестивал аз рӯйи намудҳои гуногуни варзиш байни варзишгарони ҷумҳурӣ мусобиқаҳои гуногун роҳандозӣ хоҳанд шуд. Гузашта аз ин, варзишгарони моҳир барои мардум ҳунари волои худро низ намоиш хоҳанд дод, – изҳор кард Лола Раҳмонӣ.

Дарвоқеъ, дасти одамизод гул аст ва инро меҳнатқаринони ноҳияи Элликқалъа бори дигар собит намудаанд. Дар муддати ним аср бо дасти инсон ҷӯлистон ба гулистон табдил ёфтааст. Ҳоло ҳудуди 162 ҳазор сокини он дар шароиту муҳити куллан созгору мувофиқ машғули зиндагиву меҳнат мебошанд.

Се ҷашни муштарак – Наврӯзи оламафрӯз, 50-солагии азхудкунии заминҳои ҷӯл ва 45-солагии таъсиси ноҳияро барои мардуми заҳматкаши Элликқалъа муборакбод мегӯем!

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

*НУҚУС – ЭЛЛИКҚАЛЪА – НУҚУС.*

***Бинобар масъала ва мавзӯи муҳим гардидани барномаи озуқаворӣ ва вобаста ба он андеша ва татбиқи бехатарии хӯрду хӯроки беш аз 7 млрд. аҳолии сайёра ҳоло аз ҳарвақта аҳамияти бештар касб менамояд. Ташкилотҳои ҷаҳонӣ, хусусан Созмони Милали Муттаҳид дар он роҳ усулу чораҳои гуногун меандешад ва пиёда менамояд, то ки дар ин бобат саҳм дошта бошад. Аз ҷумла соли ҷориро Соли байналхалқии моҳипарварӣ ва хоҷагии обҳои хурд эълон намудааст ва дар ноҳияи Янгийӯли вилояти Тошканд ба роҳ андохтани кори Институти илмӣ-тадқиқотии моҳипарварии Кумитаи давлатии ветеринария ва рушди чорвопарварии ҷумҳурӣ дар доираи чунин ном дода шудани сол рӯйи кор омадааст.***



# ПОЙГОҲИ ИЛМИИ МОҲИПАРВАРӢ

## ДАР ВИЛОЯТИ ТОШКАНД ИНСТИТУТИ ТАДҚИҚОТИИ МОҲИПАРВАРӢ КУШОДА ШУД

Лоиҳаи мазкур дар доираи ташаббус ва ҳамкории Туркия бо Ташкилоти озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқи СММ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷону Туркия ба мудани масъала, барои ҷамъият тавзеҳ додани моҳияти он имзо гаштаанд. Дар айни ҳол мамлакатҳое, ки ба обҳои калон ва кӯлу баҳрҳои дохилӣ, дарёҳои бузург дастрасӣ надоранд, водор мегарданд, ки моҳипарвариро дар ҳавзу кӯлҳои сунъӣ ташкил намудаву соҳаро инкишоф диҳанд, то ки қисме аз барномаи озуқавории худро ҳал намоянд. Мамлакатамон аз ҷумлаи чунин воҳидҳои байналхалқӣ мебошад ва барои ривоҷи саноати моҳипарварӣ институти номбурдаро ташкил намудааст ва бинобар суханони мутахассисон дар шароити имрӯза бе заминаи илмӣ ва корбурди дастовардҳои он ба даст овардани ҳосил ва натиҷаҳои дилхоҳ ғайриимкон аст.

– Вақтҳои охир дар баробари тараққӣ ёфтани соҳа бемориҳои моҳӣ низ зиёд мегардад, – мегӯяд профессори Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд Абдулаҳмад Кузметов. – Яке аз омилҳои ин беҳад ифлос гардидани ҳавзаҳои оби моҳипарварӣ мебошад, ки дар чунин шароити муҳити парвариш эҳтимоли бемор гардидани моҳӣ ба маротиб меафзояд. Дигар сабаби бемориҳо кам будани теъдоди, ба қавле, падару модарони моҳиҳо, ки ба ин иллат афзоиши моҳиҳо фақат дар доираи як идда моҳиҳои «зоянда» сурат мегирад, ҳол он ки онҳо то чӣ андоза сершумор ва аз лиҳози «хунӣ» гуногуну бегона бошанд, камтар ба беморӣ дучор мегарданд. Боз як ҳимояи моҳӣ аз амрози мухталиф – бештар «табиӣ» гардондани атроф ва ғизои он мебошад. Агар моҳӣ то чӣ андоза бо муҳити табиӣ фаро гирифта шавад, он худро то ҳамон дараҷа роҳат ва дар фазои худ эҳсос менамояд, чунки ин ҳам мисли дигар ҳамҷинсони худ зодаи табиат аст ва ҳарчи ба он қаринтар бошад, ҳамон қадар солим ва бардам парвариш мегардад.

амал бояд ҷорӣ гардад. Ҷиҳати дигари он ҷолиб аст, ки дар якҷоягии барномаи давлативу хусусӣ анҷом дода мешавад.

Дар ин бобат қарори Президенти Ӯзбекистон низ «Дар бораи чорабиниҳои иловагии боз ҳам инкишоф додани соҳаи моҳипарварӣ» вуҷуд дорад ва он ҳам барои рушду равнақи соҳа дар мамлакат, инчунин бо истифода аз технологияи интенсив инкишоф додани он заминаи расмӣ ба вуҷуд меорад.

Ҳамчунин, қарору ҳуҷҷатҳои чӣ дохиливу чӣ ҷаҳонӣ барои равшан на



Дар ин ҷо, ки қаблан ҳам идора ва маъмурияти доир ба моҳипарварӣ ҷой гирифта будааст, ҳоло пас аз таъмиру ҷобаҷо намудани дастгоҳҳо ва василаҳои ногузири соҳа, лабораторияҳои омӯзишии моҳипарварӣ ташкил гаштааст, ки кори институтро бо тадқиқоту омӯзиш пурратар намояд ва дар навбати худ барои пешрафти соҳа аз лиҳози илмӣ саҳм гузошта шавад.

Дар он рӯз, ки дари ин институт тантанавор кушода шуд, семинаре дар мавзӯи моҳипарварӣ низ баргузор гардид, ки ба он аз Русияву Беларус ва намояндагии СММ низ мутахассисон ва дастандаркорон аз идораву донишгоҳҳо даъват шуда буданд. Ба ғайр аз ин аз ҳар минтақаи ҷумҳурӣ аз ҷумлаи занон ходиму кормандоне ҳозир шудаанд, ки дар маҳалҳои худ ба соҳа даст задаанд.

Муовини раиси иттиҳодияи «Ӯзбекбалиқсаноат» Шуҳрат Раҳматов мегӯяд, ки вақтҳои охир шӯрии ҳавзаҳои обии ҷаҳон хеле бо суръати баланд меафзояд. Дар натиҷаи сохтмону ташкил намудани ҳавзаҳои сунъии моҳипарварӣ, шӯриро ба 20 фоиз кам кардан мумкин мегардад, яъне ҳамин миқдор моҳии истеъмолӣ дар ҳавзаҳои дохилӣ, яъне сунъӣ ҷой дода мешаванд.

Шунидани он ҷолиб буд, ки алҳол дар ҷаҳон 70 млн. нафар бо кори соҳаи моҳипарварӣ машғул аст ва нақшаи то 100 млн. нафар расондан дар пеш гузошта шудааст. Пас моҳиву моҳидориву моҳипарварӣ сирф масъалаи озуқаворӣ нест, он барномаи бо кор таъмин намудани одамонро низ дорад.

Азбаски дар мамлакат ва ҷаҳон чунин вазифаву қарорҳо гузошта мешаванд, он рӯз дер нест, ки меъёри истеъмоли солонаи моҳӣ, ки ба ҳар сари кас 12 кило муқаррар гаштааст, таъмин гардад.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ТОШКАНД.*

**Суратгирон:**
**Р.ГАЛЕЕВ,**
**Т.ХОВАРӢ.**

***Тарғиби меҳнати шоиста дар Ӯзбекистон:***

# МУНОСИБАТЕ, КИ БА МАНФИАТҲОИ ИНСОН НИГАРОНДА ШУДААСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Дар доираи татбиқи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 қариб 300 қонун оид ба ислоҳсозии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, беш аз 4 ҳазор фармону қарорҳои Президенти Ӯзбекистон қабул шуданд. Дар кишвар низоми таъмини ҳуқуқу озодии инсон ислоҳ карда шуд. Ба шарофати иродаи устувори сиёсии Сарвари давлатамон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар, бахусус, барҳам додани меҳнати кӯдакон ва маҷбурӣ натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда шуданд. Барои таҳкими заминаи қонунгузорӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ, татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, рушди пойгоҳи институтсионалӣ, гузаронидани мониторинг ва тадқиқоти мунтазам, фаъол гардонидани ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалии тахассусӣ пайваста корҳо анҷом дода шуданд.

Дар солҳои 2019-2021 ҷиҳати таҳкими қонунгузории ҳуқуқи инсон 32 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, як қатор конвенсияҳо ва протоколҳои Созмони байналмилалии меҳнат ва Созмони байналмилалии муҳоҷират ба тасвиб расидаанд. Тадбирҳои баланд бардоштани масъулият барои истифодаи кӯдакон ва меҳнати маҷбурӣ аз ҳама самаранoктар шуданд. Қонунгузории миллӣ ба Конвенсияи 29-и СБМ дар бораи меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ мутобиқ карда шуд.

Дар моҳи сентябри соли 2021 ба имзо расидани Барномаи нави давлатӣ оид ба меҳнати шоиста дар Ӯзбекистон барои солҳои 2021-2025 ба сатҳи нав бардоштани ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни Ӯзбекистон ва Созмони байналмилалии меҳнат равона шудааст. Ин барнома барои амиқтар кардани муколамаи мутақобилан эътимодбахш заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

— Ҷамъомади ҳозира ба боз ҳам пурқувват гардондани равандҳои васеъмиқёси дигаргунсозиҳо дар Ӯзбекистон хизмат мекунад. Дар мамлакат кори ба конвенсия ва тавсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат мувофиқ кунондани қонунгузории меҳнат идома дода мешавад. Дар асоси Рушди стратегии Ӯзбекистони Нав ба анҷом додани корҳо дар ин самт, масъалаҳои таъмини ҳуқуқу озодии инсон, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнати вай эътибори алоҳида дода мешавад, — гуфт Раиси Сенат.

Чӣ хеле ки дар конфронси байналмилалӣ таъкид гардид, ислоҳоти васеъмиқёси тӯли солҳои охир дар кишоварзӣ татбиқшуда, васеъ ҷорӣ гардидани тамоюлҳои бозаргонӣ, барқарор карда шудани назорати самарабахш ва мониторинги мустақилона мувофиқи қонунгузории меҳнат ба пурра решакан кардани меҳнати маҷбурии муттасил дар пахтакорӣ мусоидат намуд. Инчунин қайд гардид, ки аъзои комиссияҳои ҷумҳуриявӣ-ҳудудӣ оид ба мубориза бар зидди савдои одамон ва меҳнати маҷбурӣ, ки соли 2019 таъсис ёфтааст, айни замон фаъолияти пурсамар бурда истодаанд, низ дар татбиқи принсипҳои меҳнати шоиста дар мамлакатамон саҳми арзанда мегузоранд.

Бо мақсади рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт «харитаҳои роҳ» барои амалӣ намудани пешниҳодҳои Созмони байналмилалии меҳнат, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Бонки ҷаҳонӣ, Департаменти давлатии ИМА ва Департаменти меҳнат, коалитсияи байналмилалии «Cotton Campaign», таъмини иҷрои онҳо таҳия шуданд. Дар конфронс муроҷиатномаи директори генералии Созмони байналмилалии меҳнат Г. Райдер ба иштироккунандагони чорабинӣ шунида шуд. Г.Райдер қайд кард, ки Ӯзбекистон бо Созмони байналмилалии меҳнат ҳамкории самарабахш ба роҳ монда, солҳои охир миёни Ӯзбекистон ва Созмони байналмилалии меҳнат оид ба муқовимат ба меҳнати маҷбурӣ, назорати риояи ҳуқуқи меҳнат ва ҷорӣ намудани меъёрҳои байналхалқии меҳнат корҳои муттасил амалӣ карда мешаванд.

– Барномаи нави давлатӣ оид ба меҳнати шоиста дар Ӯзбекистон, ки барои солҳои 2021-2025 пешбинӣ шудааст, пурра ба барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи Ҳадафҳои рушди устувори СММ барои Ӯзбекистон мувофиқат мекунад. Ӯзбекистон аввалин давлатест, ки чунин барномаро қабул кардааст, – гуфт Г. Райдер.

Инчунин дар конфронс директори бюрои минтақавии Созмони байналмилалии меҳнат дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ Ҳ.Коллер ба сухан баромада, қайд кард, ки дар Ӯзбекистон меҳнати маҷбурӣ, аз ҷумла меҳнати кӯдакон аз байн рафтааст. Муваффақиятҳои Ӯзбекистон дар соҳаи муҳайё намудани шароити муносиби меҳнат дар солҳои охир махсусан қайд карда шуданд.

Дар ҷаласаҳои сексиявӣ бахшида ба мавзӯъҳои идоракунии самараноки давлатӣ, муколамаи ҷомеа дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, андешаҳои намояндагони Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, Конфедератсияи корфармоён, Вазорати молия, як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва корпуси дипломатӣ шунида шуд.

Дар доираи конфронс оид ба рушди минбаъдаи тамоюлҳои меҳнати шоиста дар Ӯзбекистон лоиҳаҳои нав таҳия карда шуданд.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**мухбири ӮзА.**

# ӮЗБЕКИСТОН – ДИЁРИ ДӮСТӢ ВА КУШОДАДИЛӢ

***Яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ баланд бардоштани муносибати дӯстона ва ҳамҷиҳатии байни миллатҳо, барои рушду равнақи онҳо фароҳам овардани шароит ва имконият мебошад.***

,Бо ташаббуси Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва робитаҳои дӯстӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бахшида ба корҳое, ки кумита дар тӯли соли 2021 ба анҷом расондааст ва нақшаҳои ояндаи он чорабинӣ баргузор гардид.

– Кумита бо ҳамкории 151 маркази миллӣ-маданӣ, 36 ҷамъияти дӯстӣ ва 38 ҷамъияти ҳамватанони хориҷӣ бахри ҳифзи таърих, рушди маданият, арзишҳои миллӣ ва муносибатҳои дӯстонаву ҳамфикрии онҳо хидмат мекунад, – гуфт ҷонишини раис Азамат Тошев. – Таҳти роҳбарии Президент бо мақсади дар атрофи барномаи "Ӯзбекистони Навро якҷоя барпо мекунем" муттаҳид намудани ҳамаи миллату халқиятҳо корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мешаванд. Аз ҷумла, кумита якҷоя бо марказҳои миллӣ-маданӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 6 ҳазору 391 чорабинии маънавию маърифатӣ гузаронд. Аз ин миқдор 885-то анҷуман ва семинар, 1 ҳазору 571 суҳбати мизи мудаввар, 575-тоаш форум-ҷашнвораҳо ба шумор мераванд. Дар доираи ҷашнвораи "Кушодадилӣ" дар мактабҳои таълими умумии ҷумҳурӣ озмун-азназаргузарониҳо таҳти мавзӯъҳои "Урфу одат ва арзишҳои миллӣ", "Намоиши либосҳои миллӣ", "Сурати беҳтарин", "Иншои беҳтарин" гузаронда шуд. Албатта, чунин чорабиниҳо дар ҷавононамон ҳисси ватандӯстӣ, халқпарварӣ, садоқат ба халқу миллати худ, фаромӯш накардани арзишҳои миллиро пурзӯр мегардонад.

Инчунин зикр гардид, ки дар соли 2021 аз ҷониби Фонди ҷамоатии назди Олий Маҷлис барои рушди марказҳои миллӣ-маданӣ 700 млн. сӯм, инчунин ба миқдори 6 млрд. сӯм грант ҷудо карда шуд. Ба раисон ва ҷонишинони марказҳо маош таъин гардид.

Мушовири раиси кумита Зафар Аҳмедов таъкид намуд, ки баҳри таъмини муносибатҳои дӯстонаву бародарона ва ҳамҷиҳатии миллатҳо ва дар ин самт боз ҳам мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо ҷамъиятҳои дӯстии давлатҳои хориҷӣ бахшида ба ҷашнвораҳо 41 чорабинӣ, 23 шоми дӯстӣ ташкил карда шуд. Барилова, дар ВАО-и хориҷӣ беш аз 20 мақола, намоиши телевизионӣ ва барномаи радиоӣ пахш гардид. Дар давраи гузаштаи соли ҷорӣ бо мақсади дастгирии фаъолияти ҷамъиятҳои дӯстии ҳамватанони хориҷиамон наздик ба 2 ҳазор китобҳои бадеӣ ва маҷаллаҳо тақдим карда шуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

# ИНСОНИ СОЛИМ – САРВАТИ ҶАМЪИЯТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин, инчунин вақт ва пулро сарфа мекунад. Мо медонем, ки тарзи ҳаёти солим гарави саломатии инсон аст.

Тарзи ҳаёти солим маънои хӯрокхӯрии дуруст, шуғл варзидан бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, даст кашидан аз одатҳои бадро дорад. Мутаассифона, чунон ки аксарият инро хуб донанд ҳам, амал намекунанд. Аз ин рӯ, дар сохтори маҳаллабайъ кор кардан, ба аҳолӣ наздик кардани хидмати босифати тиббӣ, омӯхтани тарзи ҳаёти солим ба одамон, инчунин паҳн кардан бояд вазифаи асосӣ бошад.

Маълум аст, ки дар панҷсолаи охир қариб 2 ҳазор муассисаи тиббӣ сохта, таъмир карда шуд ва ин корро давом дода, шароити 1100 муассисаи тиббӣ беҳтар мегардад. Аз ҷумла, дар доираи барномаи сармоягузорӣ барои сохтмону таъмири муассисаҳои тиббӣ соли равон аз буҷет 1 триллиону 200 миллиард сӯм ҷудо шудааст. Сарвари давлат ба масъулон супориш дод, ки ба корҳои сохтмон суръат бахшанд ва низоми хидматрасонии техникӣ ба таҳҷизоти тиббӣ ба роҳ монда шавад. Тағйироти дигари ҷиддӣ дар сохтори тиб – дар баробари беморхонаҳои давлатӣ тиббиёти хусусӣ рушд меёбад. Аввалҳо ин гуна хидматрасониҳо танҳо дар соҳаи стоматология пешниҳод мешуд, ҳоло дар ҳама соҳаҳо клиникаҳои хусусӣ фаъолият мекунанд. Имрӯз шумораи онҳо ба 8 ҳазор расидааст.

Дар ҷаласа доир ба ислоҳ кардани низоми «ордер», ки барои иштироки сектори хусусӣ имконият фароҳам меорад, таклифҳои аниқ ба миён гузошта шуданд. Аз ҷумла, тарифҳои ягонаи бемориҳо дар бемористонҳои давлатӣ ва хусусӣ тасдиқ карда шуда, феҳристи дармонгоҳҳои хусусие, ки хидматрасонии тиббӣ доранд, бар асоси муроҷиатномаҳо тартиб дода мешаванд.

Ин тадбирҳо дар навбати худ барои боз ҳам ривоҷ ёфтани шабакаи хусусии тиббии мамлакатамон шароити мусоид фароҳам меоварад.

Хулоса, дар роҳи ғамхорӣ зоҳир намудан ба саломатии халқамон марраҳои калон муайян шуданд. Таъмини иҷрои он на фақат ба мақомоти маҳаллӣ, балки барои ҳамаи мо бояд вазифаи аввалиндараҷа бошад. Зеро ба инсон аз саломатиаш дида сарвати бузургтаре нест.

**Улуғбек ИНОЯТОВ,**
**муовини Раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, роҳбари фраксияи Ҳизби халқии демократии Ӯзбекистон.**

*Дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бо ташаббуси Маркази тадқиқоти кайҳонии назди Девони Вазирон оид ба мавзӯи «Фаъолияти асосии Агентии тадқиқоти кайҳонӣ ва технологияҳои он» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.*

# ТАВАССУТИ АКСБАРДОРӢ АЗ КАЙҲОН...

Дар чорабинӣ директори Агентии «Ӯзбеккосмос» Шуҳрат Қодиров, роҳбари технологияҳои геоинформатсионӣ Муҳиддин Иброҳимов ширкат варзиданд.

Мутасаддиёни соҳа корҳои васеъмиқёс ваояндаи тадқиқотҳои кайҳонӣ ва баланд бардоштанти самаранокии технологияҳои ташхиси фосилавии назорати ҳаворо ба иштирокдорон баррасӣ карданд.

Тавре ки Шуҳрат Қодиров қайд кард, дар татбиқи лоиҳаҳои таҷрибавӣ, алалхусус, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии обу ҷангал, экология, геология, кадастр, шаҳрсозӣ ва телекоммуникатсия бо воситаи тадқиқоти кайҳонӣ натиҷаҳои муайян ба даст оварда шудааст. Масалан, дар соҳаи ҳолати фавқулодда, моҳи августи соли гузашта дар ноҳияи Зомин дар 38 гектар майдони ҷангал сӯхтор ба вуҷуд омад, ин ҳаҷми масофа дар панҷ дақиқа бо воситаи суратҳои кайҳонӣ аниқ гардида, таҳлил шудааст.

– Дар бахши обуҳавошиносии "Ӯзгидромет" бо ҳамкории Агентии "Ӯзбеккосмос" дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои кишвар хатари обхезӣ, фаромадани тарма ва ярчро тавассути аксбардорӣ аз кайҳон пайваста мавриди омӯзиш қарор дода, ба обуҳавошиносон таҳлили ҳодисаро равон мекунанд ва онҳо мардуми кӯҳиро аз хатар огоҳ менамоянд,– гуфт Муҳиддин Иброҳимов.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# КАТИБАҲО – МАНБАИ ХАТТИИ ТАЪРИХӢ

«Катиба (а), – навиштае, ки дар санг ё кошин нақш шуда, ба болои дар ё тоқи иморат шинонда шуда бошад», – навиштаанд дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ». Катибаҳо ба сарчашмаҳои хаттии таърихӣ-адабӣ мансуб буда, онҳоро илми катибашиносӣ меомӯзад.

Катибаҳо ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар асбобу ашёҳои сахт, пурбақою мустаҳкам бо хат ҳаккокӣ шуда, дар онҳо рӯйдоди воқеаю ҳодиса ва хабару маълумотҳо сабт карда мешаванд. Ин маълумоту хотираҳо дар харсангҳо, лавҳаҳои қабру мақбараҳо, сутунҳои биноҳо, табақҳои сафолину сангин, тангаю дигар асбобҳо навишта мешуданд. Навиштаҷоти назмию насрии ҳаккокишуда маводи фаровонро дар бораи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, воқеаҳои таърихӣ, соли таваллуд ва вафоти шахсиятҳои бузурги таърихӣ, адибону уламоро дар бар гирифта, сарчашмаҳои муҳими хаттии таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва навтарин мебошанд.

Катибанависӣ дар Юнону Рими қадим хеле маъмул буд. Катибаҳоро дар Юнон эпиграфика, лавҳаҳои санги қабру мазор ва мақбараҳоро эпитафия мегуфтанд.

Яке аз қадимтарин катибаҳои Осиё, ки дар ҷаҳон хеле машҳур аст, катибаҳои Бесутун мебошанд, ки 20 километр дуртар аз шаҳри Кирмоншоҳи Эрон воқеъ буда, аз ҷониби шоҳи Ҳахоманишиниён Дорои I навиштанида шудааст. Онҳо бо хати мехӣ ҳаккокӣ гардида, ба се забон – форсии қадим, бобулӣ ва эламӣ сабт шудаанд. Туфайли онҳо дар бораи симо, сарулибос, забони суғдиёну бохтариён ва хоразмиён маълумот пайдо мекунем.

Катибаҳои суғдиро зимни кофтуковҳои археологӣ аз маркази қадимаи давлати Суғд – Афросиёб пайдо намудаанд. Онҳо бо хати суғдӣ навишта шудаанд. Катибаҳо бо хати арабӣ пас аз омадани арабҳо ба Осиёи Миёна паҳн шуда, хеле маъмул ҳам гардидаанд. Бархе аз онҳо аҳамияти тарбиявӣ дошта, баъзеи дигар ба таърифу тавсиф ва солҳои ҳаёти бузургон бахшида шудаанд.

Дар соҳили рости Чашмаи Нурато мақбараи шахсияти таърихии ин мавзеъ Абулҳасани Нурӣ ҳаст. Дар санги сари қабри ӯ мисраъҳои зерин кандакорӣ шудаанд, ки ба ситоиши равони марҳум, соли вафоти ӯ ва соли навишта шудани катиба иртибот доранд:

*Хоҷаи Нурӣ, ки зи анвори вай,*
*Гашт мунаввар ба ҷаҳон нури дин.*
*Рафт чу з-ин хонаи зулмоти даҳр,*
*Сурати хуршед ба хулди барин.*
*Садр аён гашт рақам шуд фарид,*
*Реҳлати он ҳоли замон дар замин.*

***

*Мир бий Йӯлдош ба санг овард рақам,*
*Чун фард, ғуфрон бигуфт таърихи он.*

Аз калимаҳои «фарид» ва «ғуфрон» ду моддаи таърих бармеоянд, ки аввалӣ ба соли 294 ҳиҷрӣ (907-уми милодӣ) мутобиқ буда ва соли фавти Абулҳасани Нурист. Сонӣ соли 1331 ҳиҷрӣ (1913-уми милодӣ) аз ҷониби Мир бий Йӯлдош ҳаккокӣ шудани ин мисраъҳо мебошад.

Бинобар маълумоти Раҳимшоҳи Шарифзода катибаи оромгоҳи Алишери Навоӣ дар Ҳирот ин аст:

*Ҷаноби Амири ҳидоятпаноҳӣ,*
*Ки зоҳир аз ӯ гашт осори раҳмат.*
*Шуд аз хорзори ҷаҳон сӯйи боғе,*
*Ки он ҷо шукуфтаст гулзори раҳмат.*
*Чу нозил шуд анвори раҳмат ба рӯҳаш,*
*Биҷӯ соли фавташ зи «анвори раҳмат».*

Ибораи «Анвори раҳмат» моддаи таърих буда, аз он соли 906 ҳиҷрӣ (1500-1501 милодӣ) ҳосил мешавад».

Нависандаи хушсалиқа Юнуси Имомназар дар асараш «Аз санг сахту аз гул нозук» (с. 29-298) менигорад, ки Калтаманор бо остари сабзу нилӣ ва лоҷвард, нақшу нигори арзии мутавозӣ ва ҳалқаӣ ва ба хусус, абёти тоҷикӣ (форсӣ)-и худ, ки дар охирин ҳалқаи мунаққаш сабт шудаанд, ҷолибу дилкаш менамояд, дар ҳалқаи шеърии манора, аз ҷумла, чунин мисраъҳо омадаанд:

*Расида чун сутун бар кохи гардун,*
*Зи васфаш қосир омад ақлу идрок.*
*Аз ин рӯ огаҳӣ, соли баёнаш*
*Рақам карда «сутуни кохи афлок».*

Ибораи «сутуни кохи афлок» баёнгари соли бунёди манора буда, аз рӯйи ҳисоби абҷад мутобиқи соли 1269 ҳиҷрии қамарӣ (1853-юми милодӣ) аст».

(Давомаш дар саҳ.4).

# АЙЁМИ ЭҲСОН ВА НАКӮӢ

Дар мамлакатамон бо мақсади пурзӯр намудани дастгирии моддиву маънавии табақаи аҳолии ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷ, дар байни онҳо мустаҳкам намудани муҳити ҳамҷиҳатӣ, кушодадилӣ, меҳру оқибат ва хайру эҳсон як қатор корҳо ба амал бароварда мешаванд.

Бахусус, дар рӯзҳои иди Наврӯз корҳои хайру саховат, ободонии маҳаллаҳо, аз оилаҳои муҳтоҷ хабар гирифтан барин чорабиниҳо ба таври васеъ ба амал бароварда шуданд. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи умумимиллии "Макони сабз" бо ташаббуси Фонди ҷамоатии хайриявии "Маҳалла"-и шаҳри Тошканд дар ноҳияи Сергелӣ корҳои баҳорӣ, аз ҷумла ниҳолшинонӣ, кабудизоркунӣ, тоза намудани атроф, кӯчаву боғҳо дар авҷ. Мутасаддиён ба хонадони оилаҳое, ки маъюб доранд, ба "Дафтари занон", "Дафтари оҳанин" дохил шудаанд, рафта аз ҳолашон хабар гирифтанд.

Ба истиқоматкунандаи маҳаллаи Мададкори мавзеи 7-уми ноҳияи Сергелӣ Римма Юсупова, Наталя Тарабрина, маҳаллаи Зиннати ҳамин мавзеъ Лариса Гилманова, Зуҳро Сеитова иборат аз 16 намуди маҳсулоти хӯрокворӣ расонда дода шуд.

Чунин корҳои хайру эҳсон идома доранд.



**Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

# МАСЪАЛАИ ҶАЛБИ САЙЁҲОН ДАР МЕҲВАРИ БАҲСИ КОНФРОНС ҚАРОР ГИРИФТ

***Бо ташаббуси ширкати ҳавонавардии ҶС «Uzbekistan Airways» дар толори майдони ҳавоии шаҳри Самарқанд конфронси байналмилалӣ баргузор гардид. Конфронси сайёҳии «DISCOVERING UZBEKISTAN» намояндагони ширкатҳои ҳавопаймоӣ, сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, инчунин намояндагони корпусҳои дипломатӣ, вазорату идораҳо ва васоити ахбори оммаро ҷамъ овард.***

Ҳадаф аз баргузории ин конфронс маълумот дар бораи маҳсулоти туристӣ бо номи «Ӯзбекистон» ва боз кардани кишвари мо ба рӯйи сайёҳони хориҷӣ, инчунин зиёд намудани шумораи парвозҳо ба кишварҳои Аврупо, Осиё ва Шарқи араб мебошад.

Дарвоқеъ, Самарқанди бостонӣ аз шаҳрҳои қадимаи Ховарзамин маҳсуб меёбад, ки солона ҳазорҳо нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба он ташриф меоранд ва аз ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои меъмории он боздид менамоянд.

Раиси ҶС «Uzbekistan Airports» Раъно Ҷӯраева афзуд, ки мо бояд барои хориҷиён минтақаҳои беҳтарини туристии худро нишон диҳем ва фаҳмонем, ки боздид аз кадом ҷойҳо бештар ба онҳо таассурот боқӣ мегузорад.

– Пӯшида нест, ки Самарқанд аз имкониятҳои фаровони туристӣ бархурдор мебошад. Тарғиботу ташвиқот мавҷи сайёҳони маҳалливу хориҷиро ба ин шаҳри бостонӣ ва минтақаҳои дигари туристии мамлакати мо афзоиш хоҳад дод, – изҳор намуд Раъно Ҷӯраева.

Ноиби вазири туризм ва мероси фарҳангӣ Улуғбек Аъзамов ба он нукта таваҷҷӯҳи аҳли конфронсро ҷалб намуд, ки Самарқанд беҳуда барои баргузории ин конфронс интихоб нашудааст. Он дар чорроҳае қарор дорад, ки дарвозаи туризм меноманд ва сайёҳ тавассути он метавонад худро ба ҳамаи минтақаҳои гардишгарӣ расонад.

– Бешубҳа, майдони ҳавоии Самарқанд, ки ба наздикӣ куллан таҷдид гардид ва терминали нав ба он илова карда шуд, барои рушди ҳарчи бештари туризм мусоидат менамояд. Ҳоло барои ворид шудани сайёҳони хориҷӣ сабукиҳои зиёд дода шуд ва яке аз ин сабукиҳо талаб накардани маълумотнома доир ба вируси ковид мебошад. Сайёҳ дар худи майдони ҳавоӣ аз ташхис мегузарад ва саёҳати худро идома медиҳад, – қайд намуд У. Аъзамов.

Ба таъкиди У.Аъзамов қарор аст, ки теъдоди сайёҳони хориҷӣ то охири сол ба 2 миллиону 700 ҳазор нафар ва сайёҳони дохилӣ ба 9 миллион нафар расад. Барои ривоҷи туризм дар минтақаҳои гуногуни кишвар шаҳр ва рустоҳои туризм ташкил шудаанд, ки барои пазироӣ ва расонидани хидматҳои гуногун ба сайёҳон куллан омода мебошанд.

Ба гуфтаи ноиби ҳокими вилояти Самарқанд оид ба рушди туризм Рустам Қобилов дар ин вилоят 483 ёдгории таърихӣ ва 1 ҳазору 600 объекти маданӣ мавҷуданд.

– Самарқанд ҳамчун шаҳри туризм ба феҳрасти ЮНЕСКО дохил шудааст. Ҷойи аз ҳама серодаму ҳамеша бо сайёҳон лабрез Регистон мебошад. Инчунин се мадраса – Мирзо Улуғбек, Тиллокорӣ ва Шердор аз брендҳои ин шаҳри бостонӣ маҳсуб меёбад, ки мавриди таваҷҷӯҳи сайёҳони зиёд қарор гирифтааст. Боздид аз мақбараи "Шоҳи зинда", масҷиди Бибӣ Хонум, расадхонаи Мирзо Улуғбек барои ҳар як сайёҳ ҳатман таассуроти хуб мегузорад, – иброз дошт Р. Қобилов.

– Сайёҳони зиёди хориҷӣ маҳз аввал ворииди ин шаҳр мешаванд ва баъдан худро ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро мерасонанд. Аммо дар ҳамин ҳол шаҳри Самарқанд бо бунёди терминали нави майдони ҳавоии худ бо шаҳри Тошканд вориди рақобат шудааст, ки ҳодисаи басо хушҳолкунанда мебошад. Зеро мо ҳарчи бештар барои рушди туризм имконият фароҳам оварем, мамлакат аз он бурд хоҳад кард. Бо вуҷуди ин, шаҳри Тошканд барои пазироии сайёҳон аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад. Ба таври мисол, дар солҳои охир теъдоди меҳмонхонаву хостелҳо ба карат афзоиш ёфт. Танҳо то охири моҳи март теъдоди сайёҳон ба 272 ҳазору 878 нафар расидааст, ки нишондиҳандаи хеле баланд мебошад, – зикр намуд ноиби шаҳри Тошканд доир ба рушди туризм Мақсуд Абзалов.

Дар конфронс намояндагони ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ низ аз пазироии мизбонон ибрози хушҳолӣ намуда, зикр карданд, ки барои ҳамкорӣ омодаанд.

Дар ин конфронс маросими муаррифии намудҳои туризм ва майдонҳои ҳавоии вилоятҳо низ роҳандозӣ шуд. Инчунин доир ба тарифи чиптаҳо барои сайёҳон, масъалаи сода намудани виза ё раводидгирӣ, ки сайёҳони зиёди хориҷиро ба мушкилот мувоҷеҳ мекунад, имкониятҳои фаровони соҳаи ҳавонавардии Ӯзбекистон ҷиҳати интиқоли сайёҳон ва амсоли он дар меҳвари ин конфронс қарор гирифт.

Гузашта аз ин ба саволҳои "Сайёҳони хориҷӣ баъди ташриф ба ин ё он минтақаи туристии Ӯзбекистон бештар ба чӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд?" "Иштирокчиёни конфронс кадом таклифу пешниҳодоти худро метавонанд ин ҷо матраҳ кунанд?", "Оё зимни ташриф сайёҳони хориҷӣ раводид мегиранд ё на?" ва амсоли он посух пайдо карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*САМАРҚАНД.*

***Дирӯз дар Маркази матбуоти миллӣ дар мавзӯи «Ҳолати истихроҷи канданиҳои фоиданок дар маҷрои дарёҳо, минтақаҳои назди соҳил ва таъсири он ба обҳои зеризаминӣ» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

# ИСТИХРОҶИ КАНДАНИҲОИ ФОИДАНОК ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОБҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

Дар он таъкид гардид, ки тибқи қарори Президент аз 1 марти соли 2018 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба куллан такмил додани фаъолияти Кумитаи давлатии геология ва захираҳои минералӣ» дар назди Кумитаи давлатии геология ва захираҳои минералӣ Инспексияи назорати геологияи кӯҳӣ таъсис дода шуда буд. Инспексияи мазкур аз болои омӯзиши қаъри геологии замин, истифода ва муҳофизати он, истихроҷи канданиҳои фоиданок, аз ҷумла обҳои тоза, маъданӣ ва зеризаминии саноатӣ, азнавкоркарди ашёи хоми минералӣ, ҳамчунин ба талаб риоя намудани асноди меъёрӣ ва қонунии шахсони ҳуқуқию ҷисмонӣ, назорат мекунад. Айни замон 406 субъекти хоҷагидории ҷумҳурӣ, аз ҷумла тибқи шартномаҳо 300-то бо Корхонаи унитарии давлатии «Дарёи бехатар»-и Вазорати ҳолатҳои фавқулодда оид ба тоза кардани ҳавзаҳои дарё, 106 субъект тибқи иҷозатномае, ки Кумитаи давлатии геология барои ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои қаъри замин додааст, регу шағал истихроҷ мекунанд.

Дар ҷумҳурӣ агар беш аз 400 нафар соҳибкорон дар ҳаҷми 19 560,2 ҳазор метри мукааб регу шағал истихроҷ карда бошанд, аз ин миқдор 9 272,64 ҳазор метри мукааб дар асоси литсензия ва 10 287,5 ҳазор дар асоси шартнома истихроҷ шудааст.

Корҳои оид ба тоза кардани ҳавзаҳои дарё ва таҳкими соҳилҳои дарё бо қарори Президент аз 25 сентябри соли 2017 «Дар бораи чораҳои боз ҳам такмил додани сохтори ҳифзи объектҳои об» ба тартиб андохта шудааст.

Дар назди Кумитаи давлатии геология вазифа гузошта шудааст, ки шартҳои истифодаи қитъаҳои заминро барои субъектҳои хоҷагидории дорои захираҳои муайяншудаи ҳавзаҳои об риоя намуда, барои қонуншиканиҳои ошкоршуда ҷазои маъмурӣ ва барои бекор кардани иҷозатномаҳо ба суд муроҷиат намоянд.

Дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии геология ва Кумитаи давлатии экология дар соли 2021 фаъолияти 106 кони литсензиядор дар ҳавзаҳои об ва минтақаҳои ҳифзи об дар сартосари кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Дар рафти тафтиш маълум гардид, ки муҳлати амал кардани 11 литсензия ба охир расида, дар 64 кон ҳолатҳои вайрон кардани қонун муайян шудааст, ки аз он 8-тоаш барои бекор кардани литсензия, 10-тоаш барои ҷазои маъмурӣ ба прокуратура баргардонида шуда, 12-тоаш дар прокуратураи вилоят дида мешавад.

Дар поёни чорабинӣ мутахассисони соҳа ба саволҳои иштирокчиён ҷавоб доданд.

**М.МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

**Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол**

# ИТТИФОҚИ КАСАБА – ТАШКИЛОТИ СОҲИБМАРТАБА

***Солҳои охир маҳз бо сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи сарвари давлатамон таҳкими ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ ва ба манбаи кафолатноки даромад табдил додану хидматрасонии босифати тиббӣ, таълимӣ, алалхусус шароити муносиби зиндагӣ ба сатҳи сифатан нав бардошта шуд. Дар чунин корҳои хайр хидмати ташкилоти иттифоқи касаба низ ҳаст.***
***Суҳбати мо бо раиси федератсияи иттифоқи касабаи вилояти Самарқанд Сӯҳроб РАФИҚОВ дар ҳамин мавзӯъ ҷараён гирифт.***



– Шояд муштариёни рӯзномаи «Овози тоҷик» хабардор ҳастанд, ки Президент ба мақсади таъмини ислоҳоти пайгиронa Фармон «Дар бораи стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026»-ро ба имзо расонд, ки дар он ислоҳоти нав акси худро ёфт, – гуфт Сӯҳроб Абдуғаффорович. – Бо ҳуҷҷати мазкур ва тадбиқи он дар Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол, ки тибқи тамоюли «Аз стратегияи ҳаракат – ба сӯйи стратегияи тараққиёт» коркард шудааст, аз ҳафт самт иборат буда, дар мадди аввал ғамхорӣ ба халқ мебошад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки иттифоқи касаба ташкилоти соҳибимтиёзу соҳибмартаба буда, фаъолияти мо ба аъзоён новобаста аз шакли мулкдорӣ, миллату забон кӯмаки ройгон расонидан оид ба ҳимояи ҳуқуқӣ, давлатӣ, судӣ ва ғайра мебошад. Инчунин, ташкилоти мо барои истироҳату табобат дар тамоми сиҳатгоҳҳои тасаррӯфи иттифоқи касабаи ҷумҳурӣ ва берун аз он имтиёз дорад. Чанде пеш вакилони иттифоқи касабаи Тоҷикистону Қазоқистон ба Тошканду Самарқанд омада, шартномаи ҳамкорӣ бастанд.

**– Сӯҳроб Абдуғаффорович, ба иттифоқи касаба чӣ тавр аъзо шудан мумкин аст?**

– Агар дар корхона ё муассиса, ки шумо меҳнат мекунед, ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба мавҷуд бошад, ариза навиштан кифоя. Ана баъд ба имтиёзҳои гуногун соҳиб шудан мумкин мебошад. Ҳангоми аз як корхона ба корхонаи дигар гузаштан ҳам ҳамчун аъзои ташкилоти мо хоҳед монд.

**– Ҳоло дар мамлакатамон корхонаҳои хусусӣ бисёранд. Афсӯс, ки дар онҳо ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба нест. Чӣ бояд кард?**

– Ташкил кардани иттифоқи касаба мушкил надорад. Роҳбарон ба идораи мо муроҷиат намоянд, ходимонамон ба ин масъала ёрдами амалӣ мерасонанд. Бадали аъзогӣ ду фоизи музди меҳнат буда, имтиёзи он даҳбист баробар зиёд аст.

**– Ташкилоти шумо боз чӣ мақсаду маром дорад?**

– Ҳар гоҳе, ки Президент ба Самарқанд ташриф меоранд, нахуст ба фароҳам овардани шароити хубу дилнишини мардум диққати махсус медиҳанд. Чунин буд рӯзи 10-уми феврали соли равон, ки барои аз наздик шинос шудан бо ҷараёни рушди Самарқанд ба шаҳри мо омаданд. Қабл аз бозгашт бо фаъолони вилоят мулоқот ороста, ба ҳар як роҳбар беҳтар кардани шароити кор ва некӯаҳволии мардум дастурҳои зарурӣ доданд, ки ташкилоти иттифоқи касаба истисно нест.

Мақсади мо ба халқу Ватан хизмати шоиста кардан ва дуои мардумро гирифтан мебошад. Воқеан, падари бузургворам (илоҳӣ ҷояшон дар ҷаннат бошад), ҳамеша насиҳат мекарданд, ки замин бо об, одам бо дуо месабзад. Дар омади гап таъкид кардан ба маврид аст, ки дар оила 11 нафар фарзанд будем ва дуои волидайну халқ буд, ки аз коргари оддӣ то дараҷаи ҳокими шаҳри Самарқанд расидам, депутати Олий Маҷлис будам. Чор сол боз раиси федератсияи иттифоқи касаба – ташкилоти соҳибмартаба ҳастам. Мардуми маҳаллаи Регистон маро депутати Шӯрои халқи вилоят интихоб кардаанд.

Солҳои таҳсил дар мактаб пештоқи биноро байте зинат медод, ки шиори ман аст:

*Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ,*
*Беш бошад ба халқ нафърасон!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти**
**Самарқанд.**

# ШАБИ МАҚОМ ДАР БУХОРО

***Аксарият медонем, ки мақом санъати волои мусиқӣ ва «Шашмақоми Бухоро» дурдонаи классикӣ аст.***



Ба авлоди имрӯза тарғиб ва дастрас намудани он тақозои замон аст. Бо ташаббуси Президент дар ҳар ду сол як бор фестивали байналхалқии мақом ба амал меояд.

Бо мақсади омодашавӣ ба Ҷашнвораи II байналхалқии санъати мақом ва Фестивали ҷумҳуриявии иҷрокунандагони ҷавони «Шашмақом», ки имсол дар вилояти Бухоро баргузор мегардад, 31 марти соли ҷорӣ дар Маркази ҷавонони шаҳри Бухоро бо ҳамкории Маркази санъати мақоми миллии Ӯзбекистон, Садорати фарҳанги вилоят ва мактаб-интернати ба санъати мақоми Бухоро ихтисосонидашудаи ба номи Абдурауфи Фитрат барномаи консертӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар ин тадбир, ки бори дуюм сурат гирифт, баробари шогирдони мактаб-интернати ба санъати мақом ихтисосонидашудаи Бухоро аъзои ансамбли намунавии мақом бо баромадҳои инфиродию ҷамоавиашон ба ҳозирон ғизои маънавӣ бахшиданд. Хусусан, сурудҳои дилкаши Артисти халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева ба мухлисони ҳунари зебо писанд омад. Дар охир роҳбари Маркази санъати мақоми миллии Ӯзбекистон Соиб Бегматов аҳамияти ин тадбирро бобати тарғиб ва ҳифзи анъанаҳои мусиқаи классикӣ таъкид карда, изҳори боварӣ намуд, ки дар вилоят ба ду тадбири пешистодаи муҳими мусиқӣ тайёрии хуб дида мешавад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**




## ДӮСТӢ

Гунҷишке бо саросемагӣ ба оташ наздик мешуду бармегашт. Аз ӯ пурсиданд:

– Чӣ мекунӣ?

Ҷавоб дод:

– Дар ин наздикӣ чашмае ҳаст ва ман минқори худро пур аз об мекунам ва бар болои оташ мерезам.

Гуфтанд:

– Ҳаҷми оташ дар муқобили обе, ки ту мерезӣ, бисёр зиёд аст ва ин об фоидае надорад.

Гуфт:

– Шояд натавонам оташро хомӯш кардан, аммо вақте ки Худованд мепурсад, ки «ҳангоми дӯстат дар оташ сӯхтан ту чӣ кор кардӣ?» – ҷавоб хоҳам дод, ки ҳар он чӣ аз дастам омад, анҷом додам.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор...*

## ХУМОРИ ҚАҲВА

Ман, умуман, интихоботро дӯст намедорам, алалхусус, интихоботи депутатиро. Медонам, ки овози ман ягон арзише надорад.

Пешакӣ ҳама ба нақша гирифта шудааст ва кӣ аз номи халк депутат мешавад, ба ҳама маълум аст. Барои ин амалам, ҳамсарам ҳар доим маро орӣ аз эҳсоси ватандӯстӣ, аз ҳаёт қафомонда, беташаббусӣ ва ғайра сарзаниш мекард ва барои мисол ҳамсояи маро, ки дар қабати якуми хонаи мо зиндагӣ мекард, мисол меовард. «Дидӣ, ҳамсояатро, ҳақиқатан ҳам ватанпарвар. Соати панҷи субҳ хеста ба овоздиҳӣ рафт. Ӯ дар бинои интихоботӣ бо нархи арзон гӯшт, шакар ва қаҳваро харида овард», гуфт ӯ. Соат агар ҳашт шуда бошад ҳам, ман ҳанӯз дар бистари худ нимбедор будам. Дар баробари шунидани калимаи қаҳва, якбора хумори қаҳва дар ман авҷ гирифт, зеро тақрибан як моҳ шудааст, ки ман қаҳва нанӯшидаам. Он солҳо қаҳва хеле ҳам камёфт буд ва ба осонӣ, бе шиносоӣ харидан номумкин буд. Бо мақсади ба даст даровардани қаҳва ва дар айни ҳол овоз додан ба ягон депутат, ман ба мисли тири аз камон барҷаста аз бистар хеста, шиносномаро гирифта, шитобкорона ба қитъаи интихоботӣ давидам. Дар он ҷо ман гирду атрофро нигоҳ кардам, вале аз гӯшту шакар ва қаҳва нишоне ҳам надидам ва барои овоздиҳӣ чиптаро гирифтам. Яке бинам дар чиптаи интихоботӣ даҳто номгӯй ба депутатӣ ҷой дода шудаанд. Аз тарси он, ки нури чашмам хира нашавад, ман аз хондани ному насаб, чанд сол дорад, чикора аст, мақсадашон чӣ бошад, барнома дорад ё не, худдорӣ кардам. Ман худро як одами раҳмдил, ба ҳама ғамхору меҳрубон мешуморам. Дар зиндагӣ пишаки ягон касро пиш нагуфтаам. Нахостам ягон номзадро ранҷ диҳам, ба ҳама овози худро додам, агарчӣ медонистам, ки аз даҳто танҳо якторо интихоб кардан мумкин аст. Аммо фикри дар куҷо бо нархи арзон харидани қаҳва маро ором намонд. Бетоқатона аз як интихобкунанда, ки дар дасташ қутии қаҳва дошт, пурсидам:

–Қаҳваро дар куҷо мефурӯшанд?

– Шумо дер кардед, қаҳва тамом шуд, ман ин қаҳваро барои модарарӯсам харидам, ӯ бе қаҳва зиндагиро барои худ тасаввур намекунад, – гуфт ӯ.

Баъди шунидани ин суханҳо хумори қаҳва дар ман дучанд зиёд шуд. Ман аз интихобкунанда ба зорӣ илтимос кардам, ки қаҳваи худро ба ман бо ду баробар нархи зиёд бифурӯшад, зеро фишори хуни ман хеле ҳам паст рафтааст.

Соҳиби қаҳва розӣ шуд. Ба хона баргаштам. Занам савол кард: – «Овозатро додӣ? Гӯшту шакар ва қаҳваро ба нархи арзон харидӣ? Боварӣ дорам, ки акнун овозатро намедузданд. Замони мо замони овоздуздист, аз дуздидани овоз то дуздидани пули мардум як қадам роҳ аст». Занам боз ким-чӣ гуфта ғур-ғур мекард. Ман бошам бо ҳузур қаҳваи аз нархаш дучанд зиёдро пуфу суф карда менӯшидам ва худ ба худ мегуфтам: акнун фишори хунам мӯътадил мешавад ва овози маро ягон кас «дуздида» наметавонад...

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*ш. ТОШКАНД.*

## ҲОҶӢ МУИН ШУКРУЛЛО КӢ БУД?

Вақте ки аз шабакаи иҷтимоӣ назарам ба маводе таҳти унвони «Мусаҳҳеҳӣ кори осон нест: подоши саҳв дар рӯзнома» (21 ноябри соли 2021) афтид, беихтиёр диққатамро сӯйи худ кашид.

«Оё шумо дар бораи шогирди Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ Ҳоҷӣ Муин Шукрулло, ки маърифатпарвар, зиёӣ ва адиб аст, шунидаед?» – омадааст дар он.

Ҳоҷӣ Муин ҳамчун ҷадид, маърифатпарвари замони худ дар рӯзномаҳои гуногун фаъолият нишон додааст. Ҳангоми мусаҳҳеҳии вай дар «Овози тоҷик» нокомие рух медиҳад. Тафсилоти воқеа чунин аст:

Дар шумораи 24 апрели соли 1929 -уми «Овози тоҷик» саҳве мегузарад: ҳангоми аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардани «Даъватҳои арафаи идонаи 1 Май» матни «Долой социал-империалистов, даздравствует Коммунистический Интернационал!» дар натиҷаи беэътибории ӯ дар тарҷумаи тоҷикӣ мухотаби «Даздравствует» («зинда бод») афтида монда, он дар рӯзнома «Нест бод... Интернатсионали Коммунистӣ» интишор меёбад. Дар натиҷаи аз тарафи ҳукумати шӯравӣ ранги сиёсӣ гирифтани ин воқеа Ҳоҷӣ Муин ба Сибир бадарға карда мешавад. Адиб баъди бозгашт аз бадарға фаъолияти худро дар рӯзнома идома медиҳад. Ноомади корро бинед, ки вай боз ба хатои дигаре роҳ медиҳад. Дар рӯзнома фамилияи «Муралов», ки соли 1937 чун душмани халқ ба қатл маҳкум гардида буд, саҳван бо фамилияи арбоби давлатии шуҳратманди он замон «Молотов» иваз мешавад. Ҳоҷӣ Муинро ба «қасдан» кардани ин ғалат айбдор намуда, ӯро чун мухолифи сиёсати ҳукумати шӯравӣ даҳ сол аз озодӣ маҳрум сохтаанд. Баъди панҷ соли ин ҳукм Ҳоҷӣ Муин дар шаҳри Соликамски вилояти Перм вафот кардааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**




*Маълум аст, ки дар асри гузашта дар Маскав хонаҳо ба ҷойҳои дигар бурда мешуданд. Ҳоло шведҳо қарор кардаанд, ки тамоми шаҳрро кӯчонанд. Аз рӯйи ҳисобу китобҳо арзиши камтарини лоиҳа ба 1 миллиард доллар баробар аст. Аз сабабе, ки ҷойи зисти аҳолӣ дар болои кони маъдани оҳан ҷойгир шудааст, ҳукумат ба чунин қарор омад. Азбаски корҳои истихроҷи маъдан оғоз ёфтааст, ба шаҳр хавфи фурӯ рафтани он таҳдид меандозад.*

*Шаҳре, ки дар шимоли Шведсия ҷойгир шудааст, Кируна ном дошта, 20 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. Корҳои истихроҷи оҳан дар асри XIX сар шудааст, ки дар он конҳо 15 сол пеш аз ин захираҳои маъдани оҳан ба охир расида буд. Манбаъҳои нави маъдани оҳан бошад, зери маркази шаҳри Кируна ҷой гирифтааст. Агар кор ҳамин хел пеш равад, то соли 2035 истихроҷи маъдан авҷ мегирад. Барои ин лозим мешавад, ки Кируна ба 3 км. дурӣ кӯчонида шавад, ки ба ин 25-30 сол лозим мешавад. Ҳоло ҳукумати Шведсия ваъда медиҳад, ки намуди аввалини ҳамаи биноҳои қадима нигоҳ дошта мешавад. Албатта, лоиҳа харҷи зиёдро талаб мекунад. Мувофиқи ҳисобу китоби ҳукумат лоиҳа харҷи худро сарпур мекунад.*

## 1 апрел – Рӯзи ханда

## Латифаҳо

### Устои тиреза

Тақ-тақи дар...

– Кист?

– Устои тиреза.

– Лозим нест! Устои дигаре бо таъмири тирезаҳо машғул аст.

– Ман ҳамонам, аз тереза афтидам.

### Марди маст ва зани ӯ

Ба беморхона якбора 30 мард бо сарҳои кафидаву либосҳои дарида омаданд.

Духтур:

– Ба шумо чӣ шуд?

– Он марди мастро дидед? Занаш аз пасаш бо калтак медавид, ин беақл хост дар байни мардум руст шавад...

### Бенамак

– Оча, одам ҳам бенамак мешавад?

– Ҳа, бачам. Чаро пурсидӣ?

– Апаи Соҷида маро дида “очаи ту бенамак аст” гуфт.

– Чӣ? Қабраша меканам. Аз шӯр будан, бенамак будан хубтар.

### Занги телефон

– Мардак, телефона гир!

– Не, даркор не

– Чаро?

– Қарздорам.

– Телефона нагирӣ, қарз кам мешавад?

– Ҳа, аз телефон кардан хаста шуда, нимашро баргардон гуфта, паёмак мефиристад.

### Поям дард мекунад

– Дадаҷон, имрӯз ба боғча намеравам. Поям дард мекунад.

– Шудаст. Ба кӯча намебароӣ, велосипед савор намешавӣ!

– Поям аз велосипедронӣ не, аз боғча рафтан дард мекунад!

### Сигоркашӣ

Зан:

Чаро ин қадар зиқӣ?

Шавҳар:

Имрӯз шифти хонаи ҷарроҳӣ фурӯ рафт, панҷ ҳамкорам ҳалок шуд...

Зан:

Оҳ ҷонам, ту он лаҳза куҷо будӣ?

Шавҳар:

Сигоркашӣ баромада будам...

Зан:

Шукр, ки сигор баҳона шуд.

Мард:

Бале. Давлат ба хонаи қурбониён 30 ҳазор долларӣ кӯмакпулӣ медиҳад.

Зан:

Сад бор ба ту гуфтам, ки сигор накаш.

### Ду рафиқ

Дар тарабхона нишаста, ош фармудам ва танҳо ба хӯрданаш шурӯъ кардам, ки рафиқе пайдо шуд ва баъд аз салому алейк ӯ низ ба наздам нишаста, даст ба табақи ош бурда, гуфт:

– Биё, ба ошхӯрият шарик шавам, ки «ба шахси танҳо шайтон ҳамроҳ мешавад» мегӯянд.

Хандидаму гуфтам:

– Мӯйсафедон мегуфтанд, ки «агар бе «бисмиллоҳ» ба хӯрдани таом оғоз кунӣ, шайтон ҳамроҳ мешавад».

Ин гап рост будааст. Хӯрокро бе «бисмиллоҳ» оғоз кардам, ки ту омадӣ.

Таҳияи
**Д. ШУХРАТЗОД.**

## ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



*Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Хандаи ҷом» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.*

### Хандаи ҷом

*Зулф ошуфтаву хай кардаву хандонлабу маст,*
*Пираҳанчоку ғазалхону суроҳӣ дар даст,*

*Наргисаш арбадаҷӯву лабаш афсӯскунон,*
*Ними шаб дӯш ба болини ман омад, бинишаст.*

*Сар фарогӯши ман овард ба овози ҳазин,*
*Гуфт: К-эй ошиқи деринаи ман, хобат ҳаст?*

*Ошиқеро, ки чунин соғари шабгир диҳанд,*
*Кофари ишқ бувад, гар набувад бодапараст.*

*Бирав, ай зоҳиду бар дурдкашон хурда магир,*
*Ки надоданд ҷуз ин тухфа ба мо рӯзи аласт.*

*Он чӣ ӯ рехт ба паймонаи мо, нӯшидем,*
*Агар аз хамри биҳишт аст, вагар бодаи маст.*

*Хандаи ҷоми маю зулфи гиреҳгири нигор,*
*Ай басо тавба, ки чун тавбаи Ҳофиз бишикаст.*

***Касе, ки аз неъмати ҳуш ва истеъдод бархурдор аст, набояд ҳаргиз ноумед бошад. Аз дурӯён ва афроди зоҳирислоҳ, ки даруни сиёҳи худро ба фиреб сапед ва зебо ҷилва медиҳанд, бипарҳез. Умедат ба бозуву талошҳои худат ва таваккулат ба парвардигор бошад.***

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

## УЗРИ МАРД

Яке аз наздикони Умар (р) гуфт:

– Фалон одам бисёр ботақво аст, чӣ мешуд, ки ӯро ба фалон вазифа таъин кунем.

Амиралмуъминин Умар пурсид:

– Бо ӯ ягон вақт ҳамсоя будӣ?

Гуфт:

– На.

Гуфт:

– Бо ӯ ягон бор сафар кардаӣ?

Гуфт:

– На

Боз пурсид:

– Бо ӯ ягон вақт савдо ва ё додугирифт кардаӣ?

Гуфт:

– На.

Умар гуфт:

– Ту фақат хестану шиштани ӯро дар масҷид дидаӣ! То бо касе ҳамсоягӣ, сафар ё муомилот накунӣ, тақвои ӯро намедонӣ.

Он мард аз ҳазрати Умар узр хост...

## ДУОИ ХАЙР

Нафаре масҷид сохт. Баҳлул аз ӯ пурсид:

– Масҷидро барои ризои Худо сохтӣ ё барои шинохта шуданат байни мардум? Он нафар посух дод:

– Барои ризои Худо.

Баҳлул ӯро санҷидан хост ва нимашаб рафту рӯйи девори масҷид навишт: «Ин масҷидро Баҳлул сохтааст!»

Субҳ, ки мардум барои адои намоз ба масҷид омаданд, навиштаи рӯйи деворро хонда мегуфтанд, ки Худо хайраш диҳад. Он шахс тоқат наёвард ва фарёд зад:

– Баҳлул дурӯғ мегӯяд, ин масҷидро ман сохтаам! Ман аз пули худ харҷ кардаам ва шумо ӯро дуои хайр мекунед.

Баҳлул хандиду гуфт:

Муомилаи ту бо халқ будааст на бо Холиқ.

Таҳияи
**Навбаҳор ҲАМРОҚУЛОВА.**

## КАТИБАҲО – МАНБАИ ХАТТИИ ТАЪРИХӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аз саҳифаи дигари ҳамин китоб дар бораи зиёратгоҳи Паҳлавон Маҳмуд дар Хива мехонем: «Аз он ҷое, ки шакли ҳаштгӯшаи деворҳои бино оғоз мешавад, гирдогирд рубоиёти Паҳлавон Маҳмуд бо хати қашанги настаълиқи форсӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) сабт шудаанд. Аз ҷумла:

*Чашм аз ситами замона гирён дидам,*
*Ҳар рангу бало, ки мумкин аст, он дидам.*
*Нӯҳе ба ҳазор сол як тӯфон дид,*
*Ман Нӯҳ наям, ҳазор тӯфон дидам.*

ё ки

*Марде, ки ба мардӣ ҳунари шер кунад,*
*Сад қалъаи сангин забару зер кунад.*
*Сад сол ба рӯз рӯзаву шаб ба намоз,*
*Ҷандон набувад, гуруснае сер кунад».*

Ин катибаҳо инсонро ба одаму одамгарӣ, меҳру садоқат даъват мекунанд.

Дар пештоқи зиёратгоҳи Баҳоваддин Нақшбанд «Даст ба кору дил ба ёр»-ро кандакорӣ кардаанд, ки моҳияти таълимоти Нақшбандия аст.

Катибаҳое ҳастанд, ки ҳангоми сафар ва ё сабабҳои дигар аз ашъори шоирони бузург кандакорӣ шудаанд. Катибае, ки Заҳириддини Бобур солҳои 1511-1512, ҳангоми дар Мастчоҳ буданаш бо дасти худ рӯйи санг кандааст, бо номи «Катибаи Бобур» машҳур аст. Ӯ дар рӯйи санг се байти зеринро аз «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ ҳак кардааст:

*«Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,*
*Ба сарчашмае бар ба санге навишт.*
*Бар ин чашма чун мо басе дам заданд.*
*Бирафтанд то чашм барҳам заданд.*
*Гирифтем олам бо мардиву зӯр,*
*Валекин набурдем бо худ ба гӯр».*

Дар кӯҳу дараҳои деҳаи Эҷи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ низ катибаҳои зиёд дар сангу харсангҳо бо алифбои арабиасос ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ кандакорӣ шудаанд. Байти зер, ки дар мавзеи Зиҳноки поёнтар аз чашмаи деҳа назди тути Чилла аз ҷониби Муҳаммад Раҳим кандакорӣ шудааст, намунае аз онҳост:

*Ман навиштам ҳарфи нав дар санги хор,*
*Ман намонам, хат бимонад ёдгор.*

Катибанависӣ имрӯз асосан дар лавҳаҳои сари қабру мақбараҳо бештар дучор меояд. Солҳои пешин, ба хусус солҳои 70-80 асри гузашта навиштани байт ё қитъае дар девори хонаҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Онҳо бахшида ба мавзӯъҳои дӯстӣ, меҳмоннавозӣ, одаму одамгарӣ ҳам аз шоирони мумтоз ва ҳам аз шоирони муосир навишта мешуданд. Чунончи:

*Шуд мунаввар аз қудуми дӯстон кошонаам,*
*Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам.*

Ин раванд имрӯз кам ба назар мерасад. Вале қариб ба ҳар қабри нав аз санги мармар лавҳае гузошта мешавад. Онҳо катиба ҳам доранд. Дар сарҳаташон маъмулан бо алифбои арабӣ суханони «Бисмиллоҳир раҳмонир-раҳим» навишта мешавад. Пас сурати кандакоришудаи шахси



фавтида, дар зери он ному насаби ӯ, поёнтар аз он рӯзу моҳи соли таваллуд ва рӯзу моҳи соли фавт сабт карда мешавад. Сипас байте ва ё чаҳор мисраъ шеър бо хости қарибони фавтида ҳаккокӣ мегардад. Яъне, пас аз сад сол ҳам пасовандон дар бораи гузаштагони худ маълумот пайдо карда метавонанд. Дар қабристони деҳа катибаҳои санги мазор ба забони тоҷикӣ ва бо алифбои кирилӣ кандакорӣ мешаванд.

Тавре ки мушоҳида шуд, катибаҳо ҳамчун сарчашмаи хаттӣ барои омӯзиши таърих аҳамияти калон доранд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4864 ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.